***УДК: 343.375***
***DOI 10.24412/3005-8023-2025-4-43-51***

# ***АСОСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ-ҲУҚУҚИИ МУҚОВИМАТ БА ҶИНОЯТКОРӢ ДАР ДАВРАИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА***

***Акилова Муқаддас Мирмуҳаммадовна,*** *н.и.ҳ., сармуаллими кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи ДДҲБСТ (Хуҷанд, Тоҷикистон)****; Матробов Матроб Хуррамович,*** *ходими калони илмии раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Душанбе, Тоҷикистон)*

# ***МЕЖДУНАРОДНО - ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ БОРЬБЫ С ПРЕСТУПНОСТЬЮ ВО ВРЕМЯ ЧРЕЗВЫЧАЙНЫХ СИТУАЦИЙ***

***Акилова Мукаддас Мирмухаммадовна,*** *канд. юрид. наук, старший преподаватель кафедры теории и истории государства и права ТГУПБП (Худжанд, Таджикистан);* ***Матробов Матроб Хуррамович****, старший научный сотрудник управления науки и инноваций Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана (Душанбе, Таджикистан)*

# ***INTERNATIONAL-LEGAL BASIS OF FIGHTING CRIMES DURING EMERGENCIES***

***Akilova Mukaddas Mirmukhammadovna*** *candidate of legal sciences, senior lecturer of the department of theory and history of state and law under the TSULBP (Khujand, Tajikistan);* ***Matrobov Matrob Khurramovich,*** *senior researcher of the department of science and innovation under the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan (Dushanbe, Tajikistan)* ***e-mail:*** *matrob@mail.ru*

*Асосҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии муқовимат ба ҷиноятқорӣ дар шароити ҳолатҳои фавқулода мавриди таҳлили муфассал қарор дода мешаванд. Моҳият, хусусиятҳо ва омилҳои афзоиши ҷиноятқорӣ дар давраи офатҳои табиӣ, садамаҳои техногенӣ, низоъҳои мусаллаҳона ва дигар вазъиятҳои фавқулода баррасӣ гардида, нақши меъёрҳо ва стандартҳои байналмилалӣ дар таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон нишон дода шудааст. Санадҳои универсалӣ ва махсуси байналмилалӣ, инчунин таҷрибаи давлатҳои алоҳида ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба риштаи таҳлил кашида, ҷиноятҳои маъмул дар чунин шароит, аз ҷумла ғоратгарӣ, терроризм ва ҷиноятҳои ҳарбӣ шарҳ дода шудаанд. Оид ба такмили қонунгузории ҷиноятии миллӣ, аз ҷумла дар бораи ворид сохтани боби алоҳида оид ба ҷиноятҳо дар шароити ҳолатҳои фавқулода ва муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои ҷалби кӯдакон ба низоъҳои мусаллаҳона хулоса ва пешниҳодҳо ироа гардидаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳолатҳои фавқулода, ҷиноятқорӣ, муқовимат ба ҷиноятқорӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи инсон, амнияти ҷамъиятӣ, ғоратгарӣ, ҷиноятҳои ҳарбӣ, терроризм, қонунгузории ҷиноятӣ*

*Рассматриваются международно-правовые основы противодействия преступности в условиях чрезвычайных ситуаций. Анализируются сущность, особенности и факторы роста преступности в период природных катастроф, техногенных аварий, вооружённых конфликтов и иных чрезвычайных обстоятельств. Особое внимание уделяется роли международных норм и стандартов в обеспечении общественной безопасности, поддержании правопорядка и защите прав и свобод человека даже в условиях чрезвычайных ситуаций. Исследуются универсальные и специальные международные правовые акты, а также национальное законодательство и практика Республики Таджикистан. Раскрываются характерные виды преступлений, совершаемых в*

*чрезвычайных ситуациях, включая мародёрство, разбой, терроризм и военные преступления. В заключении сформулированы предложения по совершенствованию уголовного законодательства, в том числе по введению самостоятельного раздела о преступлениях, совершаемых в условиях чрезвычайного положения, и установлению ответственности за вовлечение детей в вооружённые конфликты.*

***Ключевые слова:*** *чрезвычайные ситуации, преступность, противодействие преступности, международное право, права человека, общественная безопасность, грабеж, военные преступления, терроризм, уголовное законодательство*

*This article examines the international legal framework for combating crime in emergency situations. It analyzes the nature, characteristics, and factors behind the rise in crime during natural disasters, man-made accidents, armed conflicts, and other emergency situations. Particular attention is paid to the role of international norms and standards in ensuring public safety, maintaining law and order, and protecting human rights and freedoms, even in emergency situations. Universal and special international legal acts, as well as national legislation and practice of the Republic of Tajikistan are studied. Typical types of crimes committed in emergency situations are revealed, including looting, robbery, terrorism and war crimes. The conclusion contains proposals for improving criminal legislation, including the introduction of a separate section on crimes committed during a state of emergency and the establishment of liability for the involvement of children in armed conflicts.*

***Key-words:*** *emergency situations, crime, crime prevention, international law, human rights, public security, looting, war crimes, terrorism, criminal legislation*

Асосҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ дар самти муқовимат бо ҷиноятқорӣ дар давраи ҳолатҳои фавқулода ҳамчун маҷмуи меъёрҳо, принсипҳо ва уҳдадориҳои давлатҳо мебошад, ки ҳадафи онҳо ҳифзи амнияти ҷамъиятӣ, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, маҳдуд кардани хавфҳои эҳтимолӣ ва пешгирии зиёдшавии ҷиноятқорӣ дар шароити ҳолатҳои фавқулода аст. Давлатҳо мутобиқи ҳуҷҷатҳо ва стандартҳои байналмилалӣ уҳдадоранд, ки ҳатто дар чунин шароит низ риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таҳкими волояти қонун ва истифодаи оқилонаи чораҳои маҷбуриро таъмин намоянд. Дар самти муқовимат бо ҷиноятқорӣ дар шароити ҳолатҳои фавқулода давлатҳо вазифадоранд, ки чораҳои пешгирӣ, назорат ва мубориза бо ҷиноятҳои вазнин, аз ҷумла терроризм, экстремизм, қочоқ, ғоратгарӣ, ҷиноятҳои иқтисодӣ ва ҷиноятҳои зидди амнияти давлатро мутобиқи меъёрҳои нисбӣ ва зарурӣ татбиқ намоянд. Санадҳои байналмилалӣ талаб мекунанд, ки истифодаи чораҳои қудратӣ, аз ҷумла маҳдудсозӣ, боздошт, назорати вижа, амалиётҳои таъмини тартибот ва ҷалби неруи ҳарбӣ бояд мутаносиб, қонунӣ, асоснок ва таҳти назорати судӣ анҷом дода шаванд.

Ҳолатҳои фавқулода дар натиҷаи зуҳуроти хатарноки табиӣ ё офатҳои ногаҳонӣ ба амал меоянд, яъне ҳолати мазкур вазъиятест, ки аксаран ба ирода ва ихтиёри инсон вобаста нест. Тибқи таърифи В.А. Антонов зери мафҳуми вазъияти фавқулода бояд вазъияте фаҳмида шавад, ки дар ҳудуди муайян дар натиҷаи ҳодисаҳои дорои хусусияти иҷтимоӣ (ҷиноятӣ ё ғайриҷиноятӣ) ё ғайриҷамъиятӣ (табиӣ ё техногенӣ) ба вуҷуд омада, ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахс, ҷамъият ва давлат таҳдид намуда, чорабиниҳои дорои хусусияти ташкилӣ (ҷалб кардан қувваю воситаҳои махсуси давлатӣ ва дигар созмону ташкилотҳо), ҳуқуқӣ (дар мавридҳои зарурӣ ҷорӣ намудани вазъияти фавқулода, вазъияти ҳарбӣ ё реҷаи шароити махсус) ва иқтисодиро талаб мекунад [1, с.85].

Тибқи Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ” ҳолати фавқулода – вазъиятест, ки дар ҳудуди муайян, дар

натиҷаи садамаҳо, зуҳуроти табиии хатарнок, фалокатҳо, офатҳои табиӣ ва дигар офатҳо ба вуқуъ омада, ба талафоти ҷонӣ, зарар ба сиҳатии одамон ё муҳити табиии атроф, хисороти назарраси моддӣ ва халалдор намудани шароити зиндагию кории одамон оварда расонидааст ё оварда мерасонад. Баъзан ҳолатҳое ҷой дорад, ки чунин шароитро бархе аз одамон истифода намуда, ҷиноятҳои гуногунро содир менамоянд. Аз рӯи омор, дар бисёр кишварҳо ҷиноятҳо аксаран дар шароити ҷанг ва низоъҳои дохиливу байналмилалӣ, сухтор, обхезӣ, заминларза ва ғайра содир карда мешаванд. Дар шароити мазкур омил, унсур ва предметҳои содиркунии ҷиноятҳо гуногун буда метавонад.

Дар фарҳанги ҳуқуқӣ яке аз намудҳои ҷинояти мазкур «мародёрство» (ғоратгари мурдаҳо аз фаронсавӣ maraudeur) номида мешавад. Он ҷинояти ҳарбии дорои хусусияти байналмилалӣ буда, аз дуздии амволи мурдагон ва маҷруҳон дар майдони ҷанг, ғоратгарии сокинони ҳудуди душман ва ғайра иборат аст. Дар қонунгузории ҷиноятии Иттиҳоди Шуравӣ “мародёрство” ғоратгарии махфӣ ё ошкорои воситаҳо дар майдони ҷанг (аз ҷумла дар ноҳияҳое, ки бомбаборон ва тирборон карда шудаанд) фаҳмида мешуд, ки ба хизматчиёни ҳарбии ҳалокшуда ва ярадор ё шаҳрвандон тааллуқ доранд. Ғорат инчунин ба дуздии ашё аз захмиён ҳангоми эвакуатсия дахл дорад [9, с. 34]. Дар ҳуқуқи байналмилалӣ мафҳуми “мародёрство” васеътар баррасӣ шуда, инчунин ғорати сокинони қаламрави душманро дар бар мегирад. Он тибқи қонунгузории байналмилалӣ ҳамчун ҷинояти ҳарбии дорои хусусияти байналмилалӣ маҳсуб меёбад [3]. Дар баробари дар ҳолати ҷангӣ содир кардани ҷиноятҳои гуногун, ғоратгарии молу мулкро дар шароити офатҳои табиӣ дар замони осоишта низ “мародёрство” меноманд.

Ҷиноятҳои алоқаманд ба шароити офатҳои табиӣ ё садамаҳои техногенӣ аз ду категория иборат мебошанд: ба категорияи якум, муҳайё кардани шароит барои офатҳои табиӣ ё садамаҳои техногенӣ (аз ҷумла бо вайрон кардани қоидаҳо ва дастурамалҳо), ки ба оқибатҳои хатарнок оварда мерасонанд ва метавонанд боиси содиршавии ягон намуди ҷиноят гарданд, дохил мешаванд. Категорияи дуюм бошад, ҷиноятҳоеро, ки аллакай дар шароити ба амал омадани офатҳои табиӣ ва садамаҳои техногенӣ (дуздӣ, ғоратгарӣ, куштор ва ғ.) содир мешаванд, дарбар мегиранд [5, с. 268].

Дар байни ҷиноятҳое, ки дар шароити ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиии ва техногенӣ ба қайд гирифта мешаванд эҳтимоли афзоиши дуздӣ ва ғоратгарӣ бештар аст. Омилҳои асосии содир кардани ҷиноятҳо дар шароити вазъияти фавқулода асосан манфиатҳои шахсӣ, аз ҷумла ба даст овардани маблағ ва воситаҳои моддӣ-маишӣ, ҳамчунин истифодаи вазъияти мазкур бо мақсади халалдор сохтани сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ ва ғайра мебошад.

Дар баробари ин, дар асоси таҳлилҳои олимон инчунин дигар омилҳо бахусус, бепарвоӣ, норозигӣ аз қонеъ нагардидани талаботи аҳолии зарардида дар шароити фавқулода, баланд шудани дараҷаи изтироб, хушунат дар ҷомеа, фишори равонӣ дар натиҷаи ҳодисаҳои фавқулода, бекории аҳолии маҳаллӣ, коҳиши фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобаста ба пешгирӣ ва рафъи ҷиноятҳо, паст шудани вокуниши аҳолӣ дар дастгирии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ошкор, пешгирӣ ва рафъи ҷиноятҳо ва ғайра ба ин кор мусоидат карда метавонанд [6, с. 168].

Ба андешаи И.Н. Бакаев, унсури асосии содир кардани ҷиноятҳо предметҳои гуногуни моддӣ-физикии табиат мебошанд, ки дар шакли объектҳои моддӣ, зуҳурот ва равандҳои табиӣ ва иқлимӣ, муносибатҳо ва ҳолатҳои муваққатӣ зуҳур мекунанд [2, с. 31].

М.Ш. Шайдаева бар ин назар аст, ки унсурҳои содир шудани ин ҷиноятҳоро одамон бо ҳолатҳои равонӣ ва мақоми иҷтимоӣ-ҳуқуқии худ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ё гурӯҳи одамон, механизмҳои истеҳсолӣ, таҷҳизоти техникӣ, рустаниҳо, ҳайвонот, воситаҳои нақлиёт, бино ва дигар сохтмон, раванди амалкарди онҳо, заминларза, обхезӣ, сӯхтор ва дигар зуҳуроти

табиӣ, раванди ивазшавии шабу рӯз ва ғайра ташкил медиҳанд [17, с. 23]. Дар асоси хулосаҳои мавҷуда, бояд қайд кард, ки ба предметҳои асосии ҷиноятҳо дар давраи ҳолатҳои фавқулода бинову иншоот, олами набототу ҳайвонот, захираҳо ва дигар намудҳо моликияти давлатӣ, маҳаллӣ ва шахсӣ дохил мешаванд.

Бинобар ин, барои содир шудани ҷиноятҳои дар шароити вазъияти фавқулода механизми муқовимат ва пешгирӣ кардани он коркард карда шудааст. Роҳи муҳимми муқовимат ба ҷиноятҳоро дар ҳолати фавқулода таҳия ва қабули асосҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи меъёрҳои қабулшуда ташкил медиҳад. Пеш аз ҳама кирдорҳои хавфнок, ки дар вазъияти фавқулода аз ҷониби одамон ва гурӯҳҳои ҷинояткор содир мешаванд, ҳамчун ҷиноят эътироф шуда, нисбати он ҷазо муқаррар мегардад. Чунин меъёрҳои пешгиркунандаро санадҳои мухталифи байналмилалӣ ва миллии кишварҳои алоҳида танзим менамоянд.

Санадҳои байналмилалӣ дар самти мазкур ба санадҳои умумӣ ва махсус тақсим мешаванд. Санадҳои умумӣ кафолат ва ҳимояи ҳуқуқи инсон, пешгирии кирдорҳоеро, ки ба ҳуқуқҳои инсон дар ҳар шароите таҳдид менамоянд, таъмин мекунанд. Ба онҳо асосан санадҳои универсалии аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ қабулшуда дохил мешаванд: Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз соли 1948; Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз соли 1966 ва Протоколи иловагӣ ба он аз соли 2008; Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз соли 1966; Конвенсияи байналмилалӣ оид ба барҳам додани ҳама шаклҳои табъизи нажодӣ (CERD); Конвенсия оид ба барҳам додани ҳама шаклҳои табъиз нисбати занон (CEDAW) ва Протоколи факултативии он; Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ва Протоколи иловагӣ ба он (OPCAT); Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак; Конвенсияи марбут ба мақоми гурезаҳо

Ба қатори санадҳои махсус дар самти муқовимат бо ҷинояткорӣ стандарҳои гуногуни байналмилалӣ дохил мешаванд: Конвенсия ва Оинномаҳои Лигаи Миллатҳо дар бораи таъсиси Иттиҳоди байналмилалии кумакрасон (1927); Конвенсияҳои Женева (1949); Стандарҳои СММ оид ба муқовимат бо харидуфурӯши одамон (2002); Қатънома дар бораи мубориза бо ҷиноятҳои киберӣ (2019); Эъломияи Киото оид ба пешгирии ҷинояткорӣ (1999) [11]; Конвенсияи СММ оид ба муқовимат бо коррупсия (2003) [19]; Эъломия оид ба ҳифзи ҳамаи шахсон аз дучори шиканҷа ва дигар муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф [4]; Конвенсия оид ба кумак дар мавриди садамаи ядроӣ ё ҳолати фавқулодаи радиатсионӣ аз соли 1986 ва ғ.

Санадҳои минтақавӣ оид ба ҳолатҳои фавқулода ва пешгирии ҷиноятҳои дар ин давра содиршуда низ мавҷуд аст, ки аз тарафи созмонҳои байналмилалии минтақавӣ қабул шудаанд: Созишномаи асосии хатарҳо аз соли 1987; Конвенсия дар бораи оқибатҳои фаромарзии садамаҳои саноатӣ аз соли 1992; Конвенсияи байниамрикоӣ оид ба мусоидат ба расонидани кӯмак ба офатҳои табиӣ аз соли 1991; Механизми ҳифзи шаҳрвандии ҷомеаи Аврупо аз соли 2001 ва ғ.

Бояд гуфт, ки ҳарчанд санади алоҳида дар самти муқовимат ба ҷиноятҳои дар давраи вазияти фавқулода содиршаванда вуҷуд надошта бошад ҳам, вале дар санадҳои болозикр ҷиноятҳои мазкур метавонанд дар дилхоҳ шароит содир карда шаванд. Аз ин рӯ санадҳои махсус дар ин самт механизми муқовимат бо ҷинояткориро пешбинӣ кардаанд.

Дар шароити вазияти фавқулода, ки дар замони ҷанг ва низоъҳои ҳарбӣ ба вуҷуд меоянд, ҷиноятҳои гуногун содир мешаванд. Дар маҷмуъ чунин ҷиноятҳоро ҳамчун «ҷиноятҳои ҳарбӣ» ном мебаранд. Ба онҳо асосан одамрабоӣ, зӯроварӣ (ҷинсӣ, ҷисмонию равонӣ), ҳамлаҳои барқасдона, зулму асорат, зархаридӣ, ҷалби ноболиғон ба низоъҳои мусаллаҳона ва ғайра дохил мешаванд. Дар сатҳи байналмилалӣ чунин санадҳо пешгирӣ

ва манъи кирдорҳои номбаршударо муқаррар кардаанд: Конвенсияҳои Женева аз 12 августи соли 1949 ва Протоколҳои иловагӣ ба онҳо, Статути Римии Суди байналмилалии ҷиноятӣ [13], Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак аз 20 ноябри соли 1989, Протоколи ихтиёрӣ ба Конвенсия оид ба ҳуқуқи кудак, марбут ба иштироки кӯдакон дар низоҳҳои мусаллаҳона аз 25 майи соли 2000.

Дар баробари санадҳои байналмилалии қабулшуда, муқовимат ба ҷинояткорӣ ва пешгирии он бо роҳҳои баргузор шудани вохӯриҳову нишастҳои сатҳи баланд ба роҳ монда мешавад. Бахусус, СММ ҳамасола принсипҳои эътирофшудаи байналмилалиро дар самти пешгирии ҷинояткорӣ ва адолати судии ҷиноятӣ таҳия менамояд ва аз ташаббускорони асосии ин стандартҳо мебошад. Конгресси СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва адолати ҷиноӣ [16], ки аз соли 1955 ҳар панҷ сол баргузор мешавад, сарчашма ва пешбарандаи муҳимми ин раванд мебошад. Дар ин муддат садҳо стандартҳои гуногун қабул шуданд, ки моделҳои пешгирӣ ва мубориза бо ҷиноятҳоро муайян кардаанд. Масалан, Конгресси охирини Киото [15] (2021), самарабахшии стандартҳои пешгирӣ кардани ҷиноятро, ки дар давоми 65 соли охир қабул шудаанд, баррасӣ кард.

Дар асоси стандартҳои номбаршудаи байналмилалӣ давлатҳо низ қонунгузории худро дар самти пешгирии ҷиноятҳо, бахусус ҷиноятҳо дар замони ҳолатҳои фавқулода таҳким мебахшанд. То ҳол баъзе давлатҳо як қатор кирдорҳои номбаршударо дар қонунҳои худ криминализатсия намудаанд. Масалан, тибқи моддаи 63 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия барои содир кардани ҷиноят дар давраи вазъияти фавқулода бо истифодаи шароити офати табиӣ ва ё ҷамъиятӣ, ҳамчунин дар давраи бетартибиҳои оммавӣ ҷавобгарӣ татбиқ карда мешавад. Дар ИМА кирдорҳои ба ҷамъият хавфнокро дар замони ҳолатҳои фавқулода ҳамчун як намуди алоҳидаи ҷиноят эътироф мекунанд [18, с.495]. Чунин ҷиноятҳо тибқи Қонунҳо дар бораи ҷиноятҳои ҳарбӣ аз соли 1996, Кодекси ягонаи адлияи ҳарбӣ ва ғайра танзим карда шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ дар маҷмуъ якчанд санадҳо қабул шудааст, ки ба пешгирӣ ва муқовимат бо ҷинояткорӣ равона шудаанд, аз ҷумла: Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм»; Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 ва ғ. [10, с. 2864].

Санадҳои мазкур дар маҷмуъ кирдорҳои ҷинояткоронаро дар ҳама намуди шароит ё вазъ, аз ҷумла дар шароити ба амал омадани ҳолатҳои фавқулода низ танзим карда, механизми муқовимат ва пешгирии онҳоро муқаррар кардааанд.

Дар асоси банди “м”, моддаи 62 КҶ ҶТ яке аз ҳолатҳое, ки ҷазоро вазнин менамояд, “содир намудани ҷиноят бо истифода аз шароити вазъияти фавқулода, офати табиӣ ё фалокатҳои дигари ҷамъиятӣ, инчунин ҳангоми бетартибиҳои оммавӣ” ба ҳисоб меравад [10, с. 2865]. . Ҳамчунин дар дигар моддаҳои Кодекс чунин кирдорҳо ҷиноят эътироф ва барои онҳо ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст: бегуноҳ расонидани зарар (тасодуф) бо сабаби номувофиқии сифатҳои психофизиологии худ ба талаботи шароити фавқулода (моддаи 31); озод кардан аз ҷазо дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулода (моддаи 80); роҳбарӣ ба корпартоии манъшуда дар шароити вазъияти фавқулода, ҳамчунин барои монеъ шудан ба кори корхона, муассиса ва дигар ташкилот дар шароити вазъияти фавқулода (моддаи 152(1)); вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми истеҳсол, интиқол, нигаҳдошт, гӯр кардан, истифода ё дигар муносибат бо моддаҳо ё партовҳои радиоактивӣ, бактериологӣ, химиявӣ, агар он ба расонидани зарари ҷиддӣ ба саломатии инсон ё муҳити зист таҳдид

кунад (м. 223) ва ғайра.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни давлатҳои аъзои ИДМ аввалин шуда, ҳамаи намудҳои ҷиноятҳои ҳарбиро дар Кодекси ҷиноятӣ (с. 1998) пурра татбиқ намуда, ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиии инсондӯстӣ ҳангоми даргириҳои мусаллаҳона, ҷӣ байналмилалӣ ва ҷӣ ғайрибайналмилалӣ (м. 403-405) муқаррар кардааст [12].

Аз тафсири моддаҳои зикргардида бармеояд, ки кирдорҳои мазкур ба ғайр аз амали муътадили меъёрҳои байналхалқии ҳуқуқи башар, ки ҳамчун объекти асосӣ ба шумор меравад, боз ба арзишҳои умумиинсонӣ, ба монанди ҳаёт, саломатӣ, озодии шахсӣ, обрӯю эътибори шахсият ва моликият зарар расонида мешавад. Дар ин давра эҳтимол кирдорҳое, аз қабили ҳамла ба ашхоси муқимӣ ё аҳолии муқимӣ, ҳуҷуми дорои хусусияти интихобнагардида, ки ба манфиати аҳолии муқимӣ ё иншооти муқимӣ дахолат мекунад; ҳуҷум ба дастгоҳҳо ё иншооте, ки дорои нерӯи хавфнок мебошад; ҳуҷум ба ашхосе, ки иштироки худро дар амалиёти ҷангӣ қатъ кардааст; ба манбаи ҳуҷум қарор додани маҳали муҳофизатнашаванда ва минтақаҳои ғайринизомӣ, аз байн бурдан ё осеб расонидан ба ёдгориҳои таърихӣ, асарҳои санъат ё маҳалҳои русуми динӣ дошта [7, с. 217-222; 8, с. 112], ки ёдгориҳои фарҳангӣ ё маънавии халқҳо мебошанд; аҳдшиканона истифода бурдани нишонаҳои фарққунандаи Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар ва дигар нишонаҳои ҳимоявӣ, ки мутобиқи ҳуқуқи байналхалқӣ эътироф шудааст; аз ҷониби давлати забткунанда, аз як ҷо ба ҷои дигар интиқол додани қисми аҳолии муқимӣ ва ғ. содир шуданашон мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки кирдорҳои номбаршуда ҳамон вақт ҷиноят эътироф мешаванд, ки агар дар вақти низои мусаллаҳона содир шуда бошанд. Дар вақти оромӣ (ғайриҷангӣ) содир шудани ин ҳаракатҳо аз рӯи дигар моддаҳои дахлдори КҶ ҶТ баҳо дода мешавад. Ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷиноят кирдорҳое номбар шудаанд, ки ба муқобили ашхоси дар амалиёти ҷангӣ иштироккунанда, захмиён, беморон, табибон, кормандони тиббӣ, рӯҳониён, асирони ҳарбӣ, гурезаҳо, муҳоҷирон равона шудааст.

Ҳамчунин дар “Тафсири Кодекси ҷиноятӣ”, ҷинояти мазкур бо номи «толонгарӣ», яъне дар вазъияти ҷангӣ соҳиб шудан ба амволи фавтидагон, захмиён ва амволи шаҳрвандон, ки дар минтақаҳои ҷангӣ мебошанд, шарҳ дода шудааст [14, с.307]. Илова бар ин, он ҳаракатҳои зерро низ дар бар мегирад: истифода бурдани фавтидагон, захмиён, асирон ё шаҳрвандоне, ки дар амалиёти ҷангӣ иштирок намекунанд, барои ҳимояи қушуни худ ё иншоот аз амалиёти ҷангӣ; дар амалиёти ҷангӣ истифода бурдани восита ва маводе, ки мувофиқи шартномаҳои байналхалмилалӣ манъ шудааст; истифодаи яроқи қатли ом, ки мувофиқи шартномаи байналмилалӣ манъ шудааст.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015, № 1196 иштироки кӯдакон ар амалиёти ҷангӣ ва низоъҳои мусаллаҳона манъ карда шуда, дар қ. 1 м. 26 ин Қонун муқаррар шудааст, ки «Иштироки кӯдакон дар амалиёти ҷангӣ ва низоъҳои мусаллаҳона, инчунин таъсиси ташкилот ва воҳидҳои ҳарбикунонидашудаи кӯдакон, тарғиби ҷанг ва зӯроварӣ дар байни онҳо манъ аст».

Мутаассифона, ҷазои ҷиноятӣ барои ҷалби кӯдакон ба амалиёти ҷангӣ ва низоъҳои мусаллаҳона дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашудааст, ҳол он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияҳои Женева аз 12 августи соли 1949 ва Протоколҳои иловагӣ ба онҳо аз 8 июни соли 1977, Статути Римии Суди байналмилалии ҷиноятӣ аз 17 июли соли 1998, Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак аз 20 ноябри соли 1989, Протоколи ихтиёрӣ ба Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кудак, марбут ба иштироки кӯдакон дар низоъҳои мусаллаҳонаро аз 25 майи соли 2000 ба тасвиб расонидааст ва дар он ҷо чунин уҳдадориҳо мавҷуд аст [12, с. 132]. Масалан, таҳқиқи чунин таркиби ҷиноятҳои ҳарбӣ, мисли гирифтан

ва ҷалб кардани кӯдакон то синни понздаҳсола ба ҳайъати қувваҳои мусаллаҳ – моддаи 8 (2) (b) (XXVI) ё гуруҳҳо ё истифода аз онҳо барои ширкати фаъол дар амалиёти ҳарбӣ – моддаи 8 (2) (e) b(VII) ба салоҳияти Суди байналмилалии ҷиноятӣ дохил мешавад [13].

Хулоса, ҳолатҳои фавқулода вазъиятест, ки асосан дар натиҷаи ҷангу низоъҳо, фалокатҳои табиӣ, техногенӣ ва садамаҳо ба амал омада, дар ин шароит хатар ба инсоният ва муҳити зист таҳдид менамояд. Бинобар ин барои пешгирии он аллакай санадҳои ҳуқуқӣ таҳия ва сохторҳои дахлдор таъсис дода шудаанд. Вале дар баробари он, ҳамчунин проблемаи ҷиддии дигар – раванди ҷинояткорӣ дар ҷомеа дар ин шароити вазнин барои инсоният мушоҳида мегардад, ки омили он асосан “истифодаи аз вазъияти мазкур бо мақсади ба даст овардани манфиат” ба ҳисоб меаравад. Ҷиҳати муқовимат бо ин проблема дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ санадҳои ҳуқуқии муқовимат бо ҷинояткорӣ қабул гардида, механизмҳои он муайян шудаанд. Дар ин замина санадҳои ҳуқуқӣ дар давлатҳо низ қабул карда шудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузорӣ содир кардани кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ дар вазъияти фавқулода ҷиноят эътироф гардида, ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо ба шумор меравад.

Барои пешгирӣ ва мустаҳкам кардани меъёрҳои муқовимат дар шароити вазъияти фавқулода пешниҳод мегардад, ки боби алоҳида ба «ҷиноятҳо дар шароити вазъияти фавқулода», инчунин «ҷалби кӯдакон дар низоъҳои ҳарбӣ ва ташкилотҳои ҷиноятӣ» дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон илова карда шуда, механизми татбиқи ҷавобгарӣ ба онҳо муқаррар гардад.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Антонов В. А. Правовое регулирование деятельности учреждений уголовно-исполнительной системы по обеспечению безопасности и правопорядка на режимных объектах в условиях чрезвычайных ситуаций: дис. … канд. юрид. наук. - СПб., 2009. - 202 с.*
2. *Бакаев И.Н. Обстановка совершения преступления, получение и использование информации по ней при расследовании уголовных дел: дисс. … канд юрид наук. Тюмень: Ин.-т МВД России, 2005. – 222 с.*
3. *Военные преступления международного характера/ Захираи электронӣ:* glossary.ru. *(Санаи мурочиат: 26 ноябри 2025)*
4. *Declaration on the Protection of All Persons from Being Subjected to Torture and Other Cruel, Inhuman or Degrading Treatment or Punishment. (1975). Захираи электронӣ: https://www.ohchr.org/en/ instruments mechanisms/instruments/. (Санаи дастрасӣ: 19 ноябри 2025)*
5. *Зорина Т.А. Преступления, совершаемые в условиях природных бедствий и техногенных катастроф: состояние и структура // Вестник АГУ. -2015, -№ 2 (158) – С. 268-272.*
6. *Комиссаров Е.Л., Санташов А.Л. Криминологические проблемы преступности в условиях чрезвычайных ситуаций // Журнал прикладных исследований. - М., 2022. – С. 167-175.*
7. *Кудратов, Н.А. Публичные призывы к осуществлению экстремистской деятельности и публичное оправдание экстремизма с использованием сети Интернет (на примере Республики Таджикистан) / Н. А. Кудратов // Вестник Владимирского юридического института. – 2020. – № 1(54). – С. 217-222.*
8. *Қудратов, Н. Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлат: Воситаи таълимӣ-методӣ / Н. Қудратов. – Душанбе: Баҳманрӯд, 2019. – 237 с.*
9. *Кудратов, Н.А. Незаконная миграция как угроза национальной безопасности Республики Таджикистан / Н.А. Кудратов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2019. – № 3(28). – С. 248-251.*

**10.** *Kudratov, N. Features of subjective attributes of state treason: Criminal law and psychological analysis / N. Kudratov // Journal of Advanced Research in Dynamical and Control Systems. – 2020. – Vol. 12, No. 2. – P. 2863-2869. – DOI 10.5373/JARDCS/V12I2/S20201353.*

**11.** *Kyoto Declaration on Advancing Crime Prevention, Criminal Justice and the Rule of Law: Towards the Achievement of the 2030 Agenda for Sustainable Development. (2021). Захираи электронӣ: https://www.unodc.org/documents/commissions/Congress/21-02815_ Kyoto_ Declaration_ebook_rev_cover.pdf. (Санаи дастрасӣ: 20 ноябри 2025)*

**12.** *Раҷабов С.А. Самаранокии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар давраи мухолифатҳои байналмилаӣ // Самаранокии татбиқи ҳуқуқ ҳамчун омили таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ. Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (ш. Душанбе, 14 июни соли 2022) // Зери таҳрири академик Фарҳод Раҳимӣ, Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе: Дониш, 2022. – 342 с. – С. 123-133*

**13.** *Римский Статут Международного уголовного суда // A/CONF.183/9 от 17 июля 1998 г. Захираи электронӣ: https://www.un.org/ru/ law/icc/rome_ statute(r).pdf. (Санади дастрасӣ: 17 ноябри 2025)*

**14.** *Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. Душанбе, 2005. – 512 с.*

**15.** *The 14th UN Congress on Crime Prevention and Criminal Justice in Kyoto. (2021). Захираи электронӣ: https://www.unodc.org/unodc/justice-andprison-reform/cpcj-kyoto-crime-congress2021.html. (Санади дастрасӣ: 19 ноябри 2025)*

**16.** *The United Nations Congress on Crime Prevention and Criminal Justice. (1955). Захираи электронӣ: https://www.unodc.org/ congress/index.html. (Санади дастрасӣ: 19 ноябри 2025)*

**17.** *Шайдаев М.Ш. Обстановка совершения преступления в зоне вооруженного конфликта и ее уголовно-правовое значение: дис. ... канд. юрид. наук. Москва: Академия управления МВД, 2004. – 226 с.*

**18.** *Шохзода Н.И. Проблемы и пути решения привлечения иностранных инвестиций на рынок экологических услуг Республики Таджикистан / Н.И. Шохзода, Д.К. Пирова // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2024. – № 4-1(54). С.493-499.*

**19.** *UN Convention against Corruption. (2003). Захираи электронӣ: unodc.org/unodc/en/treaties/CAC/. (Санаи дастрасӣ: 19 ноябри 2025)*

### *REFERENCES:*

1. *Antonov V. A. Legal Regulation of the Activities of Penal Institutions to Ensure Security and Law and Order atRrestricted Facilities in Emergency Situations: diss. ... cand. sciences (law). St. Petersburg, 2009. 202 pp.*
2. *Bakaev I. N. The Circumstances of the Crime, Obtaining and Using Information about it in the Investigation of Criminal Cases: diss. ... cand. sciences (law). Tyumen: in.-t. of the Ministry of Internal Affairs of Russia, 2005. - 222 pp.*
3. *War Crimes of an International Nature. Electronic resource: glossary.ru. (Date of appeal: 26 November 2025)*
4. *Declaration on the Protection of All Persons from Being Subjected to Torture and Other Cruel, Inhuman or Degrading Treatment or Punishment. (1975). Electronic resource: https://www.ohchr.org/en/ instruments mechanisms/instruments/. (Date of appeal: 19 ноябри 2025)*
5. *Zorina T. A. Crimes Committed in the Context of Natural and Man-Made Disasters: status and structure // Bulletin of ASU. Issue 2 (158) 2015. – PP. 268-272*
6. *Komissarov E.L., Santashov A.L. Criminological Problems of Crime in Emergencies // Journal of Applied Research. Moscow, 2022, PP. 167-175.*

7. *Kudratov N.A. Public Calls for Extremist Activity and Public Justification of Extremism Using the Internet (using the Republic of Tajikistan as an Example) / N. A. Kudratov // Bulletin of the Vladimir Law Institute. – 2020. – No. 1(54). – PP. 217-222.*
8. *Kudratov, N. Crimes against the Foundations of the Constitutional Structure and State Security: Educational and methodological tool / N. Kudratov. – Dushanbe: Bahmanrud, 2019. – 237 pp.*
9. *Kudratov, N.A. Illegal Migration as a Threat to National Security of the Republic of Tajikistan / N.A. Kudratov // Bulletin of the Tajik State University of Commerce. - 2019. - No. 3 (28). - PP. 248-251.*
10. *Kudratov, N. Features of Subjective Attributes of State Treason: Criminal law and psychological analysis / N. Kudratov // Journal of Advanced Research in Dynamical and Control Systems. – 2020. – Vol. 12, No. 2. – PP. 2863-2869. – DOI 10.5373/JARDCS/V12I2/S20201353.*
11. *Kyoto Declaration on Advancing Crime Prevention, Criminal Justice and the Rule of Law: Towards the Achievement of the 2030 Agenda for Sustainable Development. (2021). Electronic resource: https://www.unodc.org/documents/commissions/Congress/21-02815_ Kyoto_ Declaration_ebook_rev_cover.pdf. (Date of appeal: 20 ноябри 2025)*
12. *Rajabov S.A. The Effectiveness of the Implementation of International Law Norms During International Conflicts // The effectiveness of the implementation of law as a factor in strengthening legality and legal order. Materials of the Republican Scientific and Theoretical Conference (Dushanbe, June 14, 2022) // Edited by Academician Farhod Rahimi, President of the National Academy of Sciences of Tajikistan. – Dushanbe: Donish, 2022. – 342 pp.*
13. *Rome Statute of the International Criminal Court // A/CONF.183/9 dated July 17, 1998. [Electronic resource]: https://www.un.org/ru/law/icc/rome_ statute(r).pdf. (date of appeal: November 17, 2025)*
14. *Commentary on the Criminal Code of the Republic of Tajikistan / Editor-in-chief H.H. Sharipov. Dushanbe, 2005. – 512 pp.*
15. *The 14th UN Congress on Crime Prevention and Criminal Justice in Kyoto. (2021). Electronic resource: https://www.unodc.org/unodc/justice-andprison-reform/cpcj-kyoto-crime-congress2021.html. (Date of appeal: November19, 2025)*
16. *The United Nations Congress on Crime Prevention and Criminal Justice. (1955). Electronic resource: https://www.unodc.org/ congress/index.html. (Date of appeal: November 19, 2025)*
17. *Shaidaev M.Sh. The Situation of Committing a Crime in an Armed Conflict Zone and its Criminal-Legal Significance: diss. ... Cand. of Law. Moscow: Academy of Management of the Ministry of Internal Affairs, 2004. – 226 pp.*
18. *Shokhzoda, N.I. Problems and Solutions for Attracting Foreign Investment to the Environmental Services Market of the Republic of Tajikistan / N.I. Shokhzoda, D.K. Pirova // Bulletin of the Tajik State University of Commerce. - 2024. - No. 4-1 (54). PP. 493-499*
19. *UN Convention against Corruption. (2003). Electronic resource: unodc.org/unodc/en/treaties/CAC/. (Date of appeal: November 19, 2025)*